# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қосимов Файзалӣ Маҳмадович дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст.**

Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба маънои равияи наве дар илми ҳуқуқшиносӣ дар оғози соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар аввалҳои солҳои 90-уми асри XX милодӣ аз зери пардаи махфият берун оварда шуд ва ба ҳайси як шохаи мустақили илми ҳуқуқ рушд ёфт ва аз ҷониби олимони ҳуқуқшиносӣ дохил ва хориҷӣ кишвар, эътироф гардид. Ин мафҳум ба тамаддуни бисёрҳазорсолаи миллати тоҷик ва қавмҳои ориёӣ робитаи зич дорад, зеро дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ, риояи қавонини ҳуқуқи шариати исломӣ ва расму ойин ва суннатҳои мардумӣ ба танзим даровარда шуда буд.

Тоҷикон асолати миллӣ ва таърихии худро аз даст надода, 6-уми ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи худро қабул карданд ва дар дебочаи он муқаррар намуданд, ки мо дар назди наслҳои гузашта, имрӯза ва оянда масъулият ва вазифадор ҳастем. Ин бозгӯкунандаи арҷгузорӣ ба насли гузашта, имрӯза ваояндаи миллат буда, ба ҳар фарди соҳибватан масъулият ва вазифаи баланди инсониву шаҳрвандиро вогузор менамояд.

Қосимов Файзалӣ Маҳмадович дар дар доираи диссертатсияи илмии худ таҳти мавзӯи «Ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» тавониста, ки масъулият ва вазифаи худро дар назди наслҳои гузашта, имрӯза ва оянда то ҳадди имкон ба иҷро расонад. Унвонҷӯ кори илмии худро аз пайдоиш ва инкишофи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон оғоз намуда, баъдан

омилҳои рушди ин фаъолиятро дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор додааст, инчунин дар фарҷом хулоса ва пешниҳодҳои илман асосноки худро ба миён гузоштааст, ки метавонанд барои насли ояндаи миллат комгорӣ ба бор оваранд.

Яқин аст, ки тоҷикон то замони дигаргуниҳои азими оғози асри XX дар иҳотаи мардуми туркнажод, таърих, ҳуқуқ ва фарҳанги мувофиқи ҷомеаи онвақта пешрафта ва комиле доштанд. Решаҳои илмии самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар асарҳои донишмандон ва адибони замони гузашта дарҷ гардида, гоҳе маърифати ин самти ҳуқуқ муҳофизакорона (консервативӣ) ва гоҳе куҳнагӣ ҳам доштанд. Аммо самти ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар баланд бардоштани сатҳи камолоти ҳунарӣ, қонунҳои ҳуқуқӣ ва нигоҳдошти вазъи давлати он замон ваҳдати пешбари мутамаддинӣ ба худ хос дошт. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва чораҳои он ба таърихи ҳуқуқии омма ва миллат бо решаҳои мардумӣ ва такмили самти давлатдории худро шинохта буд. Аз ин рӯ, масъалаи боло бурдани самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Бо дарки зарурияту муҳиммияти ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошта буданд: «Дар раванди созмон додани ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши қонун, риоя ва иҷрои он ниҳоят бузург аст. Маҳз аз ин рӯ.... қонун бояд меъёри муайянкунандаи рафтори ҳаррӯзаи шахс, фаъолияти ташкилоту муассисаҳо ва воситаи танзимкунандаи муносибатҳои ҷомеа бошад». Анҷом додани тадқиқоти илмӣ аз ҷониби Қосимов Файзалӣ дар самти мазкур замина фароҳам меорад то мушкилоти ифшонагардида ба таври илмӣ роҳи ҳалли худро ёбанд ва дар ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат намоянд.

Дар автореферати диссертатсияи Қосимов Файзалӣ Маҳмадович падидаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низоми мураккабест, ки тибқи

қоидаву қонунҳои муайян инкишоф меёбад. Аз ин ҷиҳат, вазифаи илми ҳуқуқ тафсири дурусти қонунияту ҷараёнҳои рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад. Тағйироти мунтазаму рушди чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҳисоби равандҳои ҳуқуқии гуногун, аз ҷумла ҷараёнҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ анҷом мепазирад. Инчунин, дар он унвонҷӯ асосҳои методологию назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисоларо муайян намудааст.

Ҳамин тариқ, муаллиф қайд менамояд, ки таҳлилу таҳқиқи илмӣ дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар раванди омӯзиши сарчашмаҳои аввалиндараҷаи таърихӣ, фалсафӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва адабиёт гувоҳи он аст, ки то имрӯз бисёре аз масъалаҳои марбути таърихи ташаккулу рушди ФОҶ кам таҳқиқ шудаанд. Таҳқиқоти илмӣ дар фазои кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз он гувоҳӣ медиҳад, ки меъёри асосии ташкилоти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ эҳтиёҷ ба заминаи устувори қонунгузорӣ ва муносибати наздик ва мутобиқат ба мубодилаи таҷриба, иттилооти оперативӣ дар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакатҳои ИДМ дорад (саҳифаи 4).

Дар маҷмӯъ, автореферати рисолаи илмии Қосимов Файзалӣ Маҳмадович мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он ҷанбаҳои илмӣ пайдарпай баррасӣ гардида, мантиқан масъалагузорӣ шудаанд ва он сазовори баҳои мусбат мебошад.

Вале баъзе аз нуктаҳои он баҳснок ва ё норавшан боқӣ мондааст. Аз ҷумла, дар зербоби якуми боби якум унвонҷӯ омилҳоеро номбар кардааст, ки ба ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистони муосир таъсир мерасонанд. Аз қабили: сиёсати фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ; таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ; таълим дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; анъанаҳои таърихӣ ва одатҳои пешиниён; маълумоти меъёрҳои ҳуқуқии шариат, меъёрҳои нонавиштаи аз

урфу одати мардумӣ ба миён омада ва дигар паҳлуҳои ин фаъолият аз сарчашмаҳои таърихии мардуми тоҷик, мавриди таҳлил қарор дода шудааст (саҳифаи 13). Вале омили дигари дар ҳама марҳилаҳои давлатдории тоҷикон, махсусан дар шароити имрӯзаи ҷомеаи Тоҷикистон муҳим, ки ба инкишофи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таъсири бевосита расонида метавонад, иттилоот ба ҳисоб меравад. Аз чӣ бошад, ки муҳаққиқ онро ба қатори омилҳои таъсиррасон ба ташаккули фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шомил накардааст.

Ҳамзамон, дар зербоби сеюми боби дуюм унвонҷӯ нақши таълим дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро бо дарназардошти ошкории соҳаҳои умумии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дар мактабҳои олии ҳуқуқии кишвар ҷорӣ намудани курси махсуси омӯзиши фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мувофиқи қонуни зикршуда ба мақсад мувофиқ шуморидааст. Унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқи масъала ба омӯзиш ва таълим дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маҳдуд шудааст. Ба андешаи мо хуб мебуд муаллиф диққати худро на танҳо ба омӯзиши фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, балки ба таҷдиди роҳҳо ва усулҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии аҳолӣ равона мекард, ки ин ҳамзамон ба болоравии эҳтиром ва риояи ҳуқуқи инсон замина мегузошт.

Вобаста ба ин масъалаҳо мехостам унвонҷӯ нуқтаи назари хешро ҳангоми ҳимояи рисола пешниҳод намояд.

Нуктаҳои баҳснок ва ё норавшане, ки дар боло қайд шуданд, дар умум мазмуни автореферати диссертатсияи муаллифро коста намекунанд, чунки онҳо хусусияти ҷузъӣ доранд. Аз мазмуни диссертатсия бармеояд, ки он дорои навгонии назарраси илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда буда, барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла илми ҳуқуқи инсон аҳамияти хосса дорад. Инчунин, роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявиро дар худ мустаҳкам намудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алҳол ҳуқуқи фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ ташаккул ёфта, он ба соҳаи мустақили ҳуқуқ табдил ёфтааст ва аз ҷониби унвонҷӯ ба таври комил мавриди пажӯҳишу баррасӣ қарор гирифтааст ва нахустин кори илмӣ-тадқиқотии бунёдӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад.

Аз рӯи мазмуни баланди назариявӣ ва амалӣ, мубрамият ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда диссертатсия ба ҳамаи талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, бояд қайд намуд, ки Қосимов Файзалӣ Маҳмадович барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ сазовор мебошад.

**Раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Одиназода Р.С.**

**Имзои Одиназода Р.С.- ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо, ташкилӣ коргузории Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Раҳимов К.**